Тасдиқ мекунам:
Ректори ДМТ
академик Имомзода М.С.

______________________

______________________

**Тақриз**
**ба рисолаи Қаюмова Дилбар Ғафуровна дар мавзӯи «Хусусиятҳои жанрию услубии ҳикоя ва повестҳои Сорбон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 –Адабиёти тоҷик – 170 саҳ.**

Эҷодиёти нависандаи маъруфи тоҷик Сорбон, ки хеле пурвусъат буда, дар анвои адабии мухталиф интишор ёфтааст, матолиби муҳими таърихиву сиёсӣ ва иҷтимоиро дар бар гирифта, аз назари мавзӯъву ғоя, тасвиру бадеият ва сабку забон воқеан хеле ҷолиб аст.Бо вуҷуди он ки адабиётшиносони тоҷик ба таълифоти ин нависанда бетаваҷҷӯҳ нестанд, хусусиятҳои жанрӣ ва услубии ду навъи адабии пуристифодаи эҷодиёти ӯ -ҳикоя ва повестҳо аз назари муҳаққиқон дур мондааст, ҳол он ки ба қалами нависанда ҳудуди 150 ҳикояву беш аз 10 повест мансуб аст.Рисолаи илмии Қаюмова Дилбар Ғафуровна маҳз таҳқиқу баррасии ҳикояву повестҳои Сорбонро дар муқоиса бо осори ҳамгуни адибони дигари тоҷик фаро гирифтааст.

Унвонҷӯ зарурати баррасии мавзӯъро дуруст дарк карда, мақсад ва вазифаҳои худро амику дақиқ тайин мекунад,ки аз огоҳии ӯ бо равишҳои судманди кори илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Моҳияти рисолаи илмӣ пеш аз ҳама дар навгониҳои он ошкор мешавад, бинобар ин рисолаи мавриди баррасӣ низ аз ин ҷиҳат бо омӯзиши ҳамаҷонибаи ташаккули шахсияти эҷодии Сорбон ва мавкеи мактаби ӯ, таҳқиқи вижагиҳои жанрию сохтории ҳикояю повестҳо,

масъалаи характер ва тасвири олами ботинии қаҳрамон, ҳунари нигорандагии адиб, тасвирпардозиву манзаранигорӣ, чеҳрапардозиву характерофаринӣ имтиёз дорад.

Рисола бо истифода аз усулҳои муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва оморӣ таълиф шуда, дар он усули таҳқиқи олимони ватаниву хориҷӣ ба кор гирифта шудааст.

Арзиши назарӣ ва амалии рисола дар он ба назар мерасанд, ки муаллиф оид ба масоили адабиёти муосир, аз ҷумла насри имрӯзи тоҷик нуктаҳои муҳими назарӣ ва амалиро зикр кардааст, ки ҳангоми навиштани китобҳои дарсии таърихи адабиёти тоҷик, инчунин дар таълифи рисолаҳои илмии номзадӣ ва докторӣ, магистрӣ ва бакалавр муфид мебошанд.

Тарҳи рисола тибқи талабот ба диссертатсияҳои номзадӣ рехта шуда, он аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса ва китобнома таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима аҳамияту дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳову усулҳои пажӯҳиш, навгониҳо, арзиши назарию амалии рисола, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия аз назари илмӣ дуруст муайян карда шудаанд.

Дар боби аввали рисола, ки «Ташаккули шахсияти эҷодии Сорбон ва таснифи осори ӯ аз назари анвои адабӣ» ном гирифтааст, унвонҷӯ роҷеъ ба нақши мактаби адабии замон дар рушди шахсияти эҷодии адиб андеша ронда, Сорбонро ба унвони нависандаи навҷӯ ва навгаро муаррифӣ намудааст.Вижагиҳои насри солҳои 60-80-ум, аз ҷумла осори Сорбонро ӯ дар рушди насри андеша ва насри психологӣ, нерӯмандии ҷанбаи ғиноӣ ва тадқиқи бадеии характери қаҳрамон, масоили таърих ва ахлоқи иҷтимоии ҳамзамонон мушоҳида намуда, оид ба равиши хоси нигорандагии Сорбон изҳори назар кардааст.

Агар дар фасли аввал унвонҷӯ аз нақши мактаби адабии замон дар рушди шахсияти эҷодии Сорбон андеша ронда бошад, дар фасли дуюм ба эҷодиёти адиб аз нигоҳи мунаққидон баҳо додааст ва дастовардҳои

адабиётшиносони тоҷик Муҳаммадҷон Шукуров, Худоӣ Шарифов, Атахон Сайфуллоев, Абдухолиқ Набиев, Носирҷон Салимов, Матлуба Хоҷаева, Маъруф Раҷабов, Кароматуллоҳи Шукруллоҳӣ, Шамсиддин Солеҳов, Замира Ӯлмасова ва дигаронро хеле борикбинона баррасӣ намудааст.

Дар фасли охири ин боб диссертант осори Сорбонро аз назари анвои адабӣ ба доираи таҳқиқ кашида, ҳикоя, повест, роман ва осори публисистии ӯро ба сифати жанрҳои асосии эҷодиёти адиб муаррифӣ мекунад. Яке аз дастовардҳои назарраси ин фасли рисола муайян кардани омилҳои пайвандгари жанрҳои адабии эҷодиёти Сорбон мебошад, ки аз мушоҳидакории муҳаққиқи ҷавон гувоҳӣ медиҳад. Дар баробари ин муаллифи рисола муваффақ шудааст, ки аз лиҳози мавзӯъ ва мундариҷа ҳикояҳои Сорбонро ба 7 навъ ҷудо карда, хусусиятҳои ҳикояҳои психологӣ, иҷтимоӣ – маишӣ, ахлоқӣ, ишқӣ, тамсилӣ, ёддоштӣ ва ҳикояҳоеро, ки дар сарҳадди новелла қарор доранд, муайян намояд.

Вижагиҳои повестҳои нависанда низ аз ҷониби Қаюмова Дилбар хеле мӯшикофона матраҳ гардидаанд.

Дар се фасли боби дуюми рисола, ки "Вижагиҳои мавзӯиву ғоявӣ ва жанрию сохтории ҳикоя ва повестҳои Сорбон" ном гирифтааст, хусусиятҳои жанрию сохтории ҳикоя ва повестҳо, масъалаи характер ва тасвири олами ботинии қаҳрамон, рӯҳи замон ва ҳофизаи таърихӣ ба миён гузошта шудааст. Унвонҷӯ дар ин қисмати кор ҳикоя ва повестҳои Сорбонро бо диққати тамом омӯхта, муҳимтарин вижагиҳои ҳар кадоми онро берун мекашад ва дар маҷмуъ дар бораи вежагиҳои ин анвои адабӣ дар эҷодиёти адиб хулосаҳои ҷолиб мебарорад.

Дар боби сеюми рисола муаллиф ба ҷанбаҳои сабкӣ ва ҳунарии осори Сорбон мутаваҷҷеҳ шуда, дар фасли аввал масъалаҳои забон ва сабки баёни ҳикояву повестҳо ва дар фасли дуюм ҳунари нависандагии Сорбонро дар рамзгароӣ, афсонапардозӣ, қиёфасозӣ, манзаранигорӣ ва монологу диалог нишон медиҳад ва дар заминаи таҳлили ин ҷанбаҳои насри Сорбон ба натиҷаи дурусти илмӣ мерасад, ки ин адиби

номвартавассути рамзу самбул, устура, қиёфапардозӣ, манзаранигорӣ гардишҳои ҷолиберо дар мундариҷаи асар ба вуҷуд овардааст. Таваҷҷӯҳ ба забони асарҳои Сорбон низ чандин вежагии хоси истифодаи вожаҳо, таркибҳо ва тарзи ҷумлапардозии ӯро муайян кардааст.

Муаллифи рисола ба хулосаҳои дурусти илмӣ расида, онҳоро дар 12 банди асосӣ матраҳ кардааст, ки муҷаз ва мантиқан дуруст мебошанд.

Ҳамин тариқ, рисола аз назари арзиши илмӣ, навоварӣ ва ҳунари таҳлилу таҳқиқи муаллиф шоистаи таҳсин аст, вале дар баробари муваффақиятҳо дар он баъзе норасоиҳо низ ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд. Аз он ҷумла:

1. Дар боби дуюми диссертатсия ба муқоисаи мавзӯиву ғоявӣ кашидани асарҳои Сорбон бо осори дигари адибони муосири тоҷик бурду бохтҳои нависандаро беҳтар метавонист инъикос намояд.

2. Дар фасли охирини рисола унсурҳои сохтору устухонбандии осори Сорбон таҳлил шуда бошанд ҳам, вале дар хусуси диалог ё муколамаи қаҳрамонҳо қариб сухан нарафтааст. Ба андешаи мо, дар канори монолог доир ба диалог ҳам изҳори назар намудан ва ҷойгоҳи онро дар ҳикояву повестҳои нависанда муайян кардан зарураст.

3. Дар баъзе сафҳаҳои рисола овардани иқтибосот ва ишорот ба сарчашмаҳои илмӣ зиёд ба назар мерасад (саҳ.12, 33, 53, 70, 76).

4. Дар рисола хатоҳои имлоӣ, техникӣ ва услубӣ (дар саҳ. 58, 89, 93, 103, 108 ва ғ.) дида мешаванд.

Норасоиҳое, ки зикрашон рафт, ба сифати кор таъсири зиёд надоранд, вале ба эътибор гирифтани онҳо барои беҳтар шудан ва такмил ёфтани рисола мусоидат хоҳанд кард.

Тарзи ҷогузории мавод, таҳлили асарҳо, истифодаи адабиёти илмӣ, ба доираи баҳс кашидани матлабҳои мавриди таҳқиқ аз омодагии хуби илмии унвонҷӯ дарак медиҳанд ва умедвор мекунонанд, ки муҳаққиқи ҷавон, ки лаёқати хуби таҳқиқу таҳлили масъалаҳои адабиётро дорад, минбаъд аз адабиётшиносони хуби мо хоҳад шуд.

Аз рӯйи мавзӯи рисола унвонҷӯ 8 мақола ба табъ расонидааст, ки аз ин миён 3-тои он дар маҷаллаҳоест, ки дар КОА ФР номнавис шудаанд. Натиҷаҳои тадқиқот дар конфронсҳои илмии ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров эълом шудаанд.

Рисола ба талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда муаллифи он Қаюмова Дилбар Ғафуровна ба унвони илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик шоиста аст.

Рисола дар кафедраи адабиёти навини тоҷик ва назарияи адабиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифта, дар ҷаласа 12 нафар ширкат карданд ва ба тарафдории тақризи мазкур 12 нафар овоз доданд, зид нест, бетараф нест.

Зайниддинов Муртазо,
номзади илмҳои филология, дотсент,
мудири кафедраи назария ва адабиёти навини
форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Имзои мудири кафедра, номзади илмҳои филологӣ М.Зайниддиновро тасдиқ мекунам.

Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17
тел: (992) 98-100 -10-60
e-mail: zayniddinov-m@ mail.ru
20.01.2018

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ ____________________